# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025**

**Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки** масъалаи тағйироти наҳвӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавии асари бадеӣ, анъанаҳои корбурди он дар забони муосири англисӣ ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили он дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бори аввал сурат мегирад.

Аз ин рӯ, пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, дар асоси тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Эрнест Ҳемингвей бахшида шуда, бори аввал дар илми забоншиносии тоҷик баррасӣ шудааст.

**Таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат карда, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавии асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей муайян шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқотро** асари “Пирамард ва баҳр”-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи тоҷикии он ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ) ҳанӯз мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст ва ин аз ҷониби довталаб ҳамчун таҷрибиёти аввал анҷом дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки бори нахуст аз ҷониби довталаб масъалаи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Маводи назариявӣ ва амалии дар диссертатсия истифодашуда барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдоштаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли хуб тибқи меъёри муайншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «**Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)**» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз: н.и.ф, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои
Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович
3-юми майи соли 2025

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
Испечак 2, массив 31, хонаи 1,
ҳуҷраи 18
Тел.: (+992) 93 869 95 66
E-mail: miratokomilov@yahoo.com

Имзои М. Комиловро
тасдиқ мекунам: Сардори
раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи
С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
Email: tgpu2004@mail.ru

14.05.2025